**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Чиллаев Сухроб Ҷӯрахонович**

**дар мавзӯи «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси**

**10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ**

Шоистаи таъкид аст, ки дар адабиётшиносии замони истиқлол аз ҷониби пажӯҳишгарони ҷавон мавзӯоти барои аҳли таҳқиқ ҳанӯз наву ноомӯхта бештар мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Тадқиқоти илмии Чиллаев Сухроб Ҷӯрахонович «Афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» аз шумори чунин мавзӯъҳои муҳим буда, равзанаи равшану фарохеро оид ба шинохти зиндагиномаву осори Сайфҷоми Ҳиравӣ ва мазмуни мундариҷаи рисолаи ӯ боз мекунад.

Пажӯҳиши мавриди назар аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, чор зерфасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо иборат буда, рисоланавис бо диду назари тоза, корбурди манобеи муҳимми адабиву илмӣ, муқоисаву муқобалаи афкори назарияпардозони адабиёт масоили ба нақшагирифтаро ҳамаҷониба омӯхтааст.

Боби нахустини тадқиқот «Сайфҷоми Ҳиравӣ ва андешаҳои илмӣ-назарии ӯ доир ба шеър ва ҳунари шоирӣ» унвон дошта, ҳамчун бахши заминавии рисола масоили вобаста ба зиндагиномаву мероси илмӣ-адабӣ, муҳтавои муҳокимаҳои ин донишмандро нисбат ба назарияи адабӣ, сайри такомули шеър, мулоҳизаҳояшро роҷеъ ба мутақаддимон ва накди ду асли адабиёти қадим, умумияту тафовути назму шеър, таснифу табақабандии шоирон, урфи шоирона, тарз ё сабкшиносӣ, сабкшиносии даврӣ ва мақоми каломи манзуму мансурро дар бар мегирад. Азбаски рӯзгору осори Сайфҷоми Ҳиравӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба таври мукаммал омӯхта нашуда, ин чеҳраи адабӣ бори аввал дар доираи як рисолаи ҷудогонаи илмӣ тадқиқ мегардад, докторант бо

такя ба ахбори манобеи илмиву адабӣ ва таърихӣ шахсияти мавриди назари хешро барои аҳли илм ва алоқамандони соҳа муаррифӣ менамояд.

Муҳаққиқ Чиллаев С.Ҷ. аз оғози таҳлилҳои илмии худ Сайфҷоми Ҳиравиро ба ҳайси яке аз шоирон ва назарияпардозони адабиёт бозтоб медиҳад, ки ӯ кулли масоили эҷоди шеърро, шурӯъ карда аз аслу пояҳои равонию илҳомӣ то қолабу меъёрҳои маъруфу маъмули он баррасӣ намудааст. Аз ин рӯ, дар ин қисмати рисола андешаҳои илмӣ, назарӣ ва адабии Сайфҷоми Ҳиравӣ, ба монанди назарияи шеъру ҳунари шоирӣ, накди адабӣ, тақсимбандии тарзҳои шоирон, саноеи сухан, истилоҳоти адабӣ, сабкшиносӣ ва арӯзу қофия таҳқиқ гардида, ҷойгоҳи муаллифи «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» дар таърихи поэтикаи классикии тоҷику форс равшан нишон дода шудааст.

Диссертант бо дурустӣ ба ҷаҳони афкори назарии Сайфҷоми Ҳиравӣ ворид шуда, мағзу моҳияти ҷустуҷӯҳои илмии ӯро сарфаҳм рафта, огоҳии ҳамаҷонибаи хешро аз равиши таълифоти ин донишманд олимона иброз медорад: «Сайфҷом шеърро муқаддас ва маҳсули илҳоме, ки ба қалби шоир илқо мешавад, медонад. Ба ҳамин хотир, дар асари ӯ роҷеъ ба бартарии шеър аз наср ва шеър аз назм, урфи шоирона, накди ду асли адабиёти қадим, ҳунари шоирӣ, шеъри тару хушк, таъсиргузорӣ, муқтазои ҳол, сайри такомули шеър, лафзу маънӣ ва таносуби онҳо, мазмуни тозаву бикр, завқ, сеҳри ҳалол, табақабандии шуаро аз назари тарз, маъниофарӣ, зебоиҳои вазн, қофия ва радиф, саноеи балоғӣ, таснифи фununи бадеъ ва монанди инҳо сухан меравад» (саҳ.22).

Ҳамзамон, дар боби аввал, зимни пажӯҳиши мавзӯи ду асли адабиёт, истеъдоду малакаи суханвар, ҳамбастагию тафовути назму наср, сифоту анвои шоирон, тарзу шеваҳои эҷоду нигориш ва дигар масоили назарияи адабиёт, характери амалӣ, усулӣ ва раҳнамоӣ доштани китоби «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»-ро собит намудааст. Илова бар ин, докторант бо мақсади бозгӯӣ ва ташреҳи асосу пояҳои андешаҳои назарии Сайфҷоми Ҳиравӣ аз ашъору афкори шоирону донишмандони

гузаштаву муосир, амсоли Низомии Ганҷавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Шамси Қайси Розӣ, Насириддини Тӯсӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Сируси Шамисо, Маҳмуди Футӯҳӣ, Шафеии Кадканӣ, Худоӣ Шарифов, Урватулло Тоиров, Рустам Тағоймуродов ва адибону олимони дигар далелу асноди муҳим меоварад. Ин гуфтаҳо аз огоҳии комили диссертант ба мавзӯъҳои баррасишаванда, мутолиаи зиёди ӯ ва омодагияш ба таълифи рисолаи илмӣ дарак медиҳанд.

Боби дуюми тадқиқот «Масоили истилоҳот ва таърифу тавзеҳи улуми балоғӣ ва бадеӣ дар «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» ном дошта, диссертант дар се фасл масъалаҳои вазъи улуми балоғӣ то замони Сайфҷоми Ҳиравӣ, ибтикороти ӯ дар рисолаи мазкур ва тадқиқоти донишманди ёдшударо оид ба илми бадеъ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Ин бахши тадқиқот бо сайри мухтасари пажӯҳиши масоили назариявию қонунмандиҳои адабиёти бадеӣ оғоз шуда, докторант Чиллаев С.Ҷ. ба таври мухтасар афкори назарии олимони ҷудогона, шеваи ҷараёнҳои адабиётшиносии қадиму асрҳои миёна ва сарчашмаҳои балоғати арабию форсиро меомӯзад. Инчунин, бо мақсади он ки равиши баррасиҳои илмӣ-назарии Сайфҷоми Ҳиравиро боз ҳам возеҳтар созад, аз муҳтавои китобу рисолаҳое, ки то ин донишманд рӯйи кор омадаанд, сухан мегӯяд. Ба ин тартиб, диссертант ҳангоми таҳлилу ташреҳи матолиби меҳварии тадқиқоти хеш пайванду силсилаи андешаҳоро риоя намуда, ба шакли кӯтоҳу мӯҷаз доир ба арзиши китобҳои маъмули назарӣ ва баҳраҷӯии балоғиёни қадим аз ҳамдигар мулоҳиза меронад.

Дар тадқиқоти мазкур ибтикороти илмӣ-назарии Сайфҷоми Ҳиравӣ дар ҳашт даста гурӯҳбандӣ шуда, хидматҳои ин марди фозилу оқил бо овардани далелу бурҳони саҳеҳ ҳамаҷиҳата омӯхта шудааст.

Мавзӯи илми бадеъ, ки дар боби дувум, дар фасли алоҳида баррасӣ мешавад, аз равиши писандидаи тадқиқгарии соҳиби рисола бархурдор буда, масъалаҳое, чун шаш шарту воҷиботи нигорандагӣ,

анвои саноеи шеърӣ, вижагиҳои васоити тасвири бадеӣ дар сохту бофти маъниву ороиши калом бештар бар мабнои кутуби муътабари «Тарҷумон-ул-балоға», «Ҳадоиқ-ус-сеҳр», «ал-Муъҷам» ва дигар маъхазҳо тадқиқ гардидаанд. Рисоланавис афкору орои муҳаққиқону адабиётшиносони қадиму ҷадидро дар хусуси хусусиятҳои саноеи сухан муқоиса намуда, дар миёни баҳсҳо нақши Сайфҷоми Ҳиравиро дар такмили балоғату бадеи тоҷикӣ равшан месозад.

Масоили илмҳои арӯзу қофия, тариқи тақтеъ, баёни доираҳо, маърифати баҳрҳову вазнҳо, қофияву навъҳои он, инчунин тозакориҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ перомуни шинохти назария ва истилоҳоти қофия аз шумори мавзӯоте мебошанд, ки дар боби охирини диссертатсия таҳқиқ шудааст.

Муаллиф ин бахши рисоларо низ бо таърихчаи ихтироъ ва корбурди вазну қофия дар адабиёти ҷаҳонӣ оғоз намуда, бо ёдоварӣ аз осори илмиву дастурии дар ин мавзӯъ навишташуда муҳиммияти тадқиқи онро вобаста ба «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»-и Сайфҷоми Ҳиравӣ таъкид мекунад. Аз мазмуни таҳлилҳо бармеояд, ки ин донишманд аз аслу аркони улуми балоғат ва решаву шохаҳои он огоҳ аст. Диссертант мулоҳизоту матолиби Сайфҷоми Ҳиравиро дар хусуси вазни шеър, ки аз мураккабтарини соҳаҳои суханварӣ мебошад, ин тавр ҷамъбаст кардааст: «Сайфҷоми Ҳиравӣ дар таълиф ва ироаи вижагиҳои илми арӯз мубтадиъ набошад ҳам, муқаллиди маҳз ва ё такроркунандаи афкори гузаштагон, ба хусус Қайси Розӣ ва Насируддини Тӯсӣ нест. Вай дар лобалои назариёташ гоҳе ба нақду таҳлили суханони мутақаддимон мепардозад. Ҳар иборатеро, ки аз донишмандони қабл ба орият мегирад, баррасӣ ва таҳлил намуда, бо усули корбурди илми арӯз мутобиқат медиҳад, сипас чун наққоди сухансанҷ чирадаст назари интиқодиашро дар бораи он баён мекунад» (саҳ.152).

Дар фасли дуюми боби сонӣ муҳимтарин андешаҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ дар бораи қофия ва истилоҳоту таркиботи хоси он мавриди тадқиқу баррасӣ қарор гирифта, соҳиби «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» ба

сифати олими дар ин фан донову огоҳ муаррифӣ мешавад. Аз баррасиҳои дар ин фасл анҷомёфта метавон фаҳмид, ки Сайфҷоми Ҳиравӣ дар канори назарияпардозони гузашта барои такмили омӯзиши илми қофия низ хидмат кардааст.

Пажӯҳиши тозакориву тозагӯиҳои муаллифи «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» дар шинохти назарияву истилоҳоти қофия дар фасли охирини рисола сурат гирифтааст. Дар ин ҷо низ муаллифи пажӯҳиш шеваи муқоисаву муқобалаи андешаҳои Сайфҷоми Ҳиравиро бо муҳаққиқони пешина идома дода, дар қиёс бо равиши кори Шамси Қайси Розӣ ва Насириддини Тӯсӣ аз номукаммалию номуназзамии таснифоти «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» дар мавриди қофия ва истилоҳоту ҳуруфи он андеша меронад. Пажӯҳишгар дар мавриди банду басти мавзӯии асари Сайфҷоми Ҳиравӣ, ки баръакси кутуби пешиниён дар мавриди қофия бетаваҷҷуҳӣ зоҳир кардааст (саҳ.161) ва дар бораи аз равиши илмӣ чандон суд наҷустани ӯ (саҳ.162) дар хусуси масоили вобаста ба қофия изҳори таассуф менамояд. Чунин тарзи ташреҳу тавзеҳот ва таҳлилҳо аз вусъати огоҳии рисоланавис дигарбора дарак медиҳанд, ки шоистаи истиқболу дастгирист.

Мулоҳизаҳои докторант дар хусуси шеваи тадқиқоти Сайфҷоми Ҳиравӣ доир ба қофия танҳо аз танқиду эрод иборат набуда, ӯ борҳо аз табаҳҳуру тасаллути нависандаи «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон» аз назарияи қофия, усули нақду баҳодиҳии вай ба шаклҳои мақбулу нописандидаи интихобу истифодаи қофия ва дигар масоили эҷодӣ сухан мегӯяд.

Бояд мунсифона таъкид кард, ки Чиллаев С.Ҷ. баробари пажӯҳиши «Ҷомеъ-ус-саноеъ ва л-авзон»-и Сайфҷоми Ҳиравӣ, инчунин барои таълифи як луғати комил ё қомуси алоҳидаи истилоҳоти поэтикаи қадим ё классикии форсу тоҷик замина гузоштааст. Бо итминон метавон гуфт, ки дар муҳити адабию фарҳангӣ ва маънавии замони мо шароиту имкони дар асоси сарчашмаҳои муътабари назарию адабӣ навиштани фарҳангҳову донишномаҳои адабиётшиносӣ низ мавҷуд аст.

Хулосаи диссертатсия, ки тибқи талаботи меъёрҳои муқарраршуда ҳамчун натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии дастовардҳо омадааст, шомилу ҳомили ҷустуҷӯҳои саҳеҳу амиқи муҳаққиқ мебошанд.

Диссертатсия бо забону сабки илмӣ, тарзи махсуси нигорандагӣ ва бо риояву бозтоби истиқлоли фикрии муаллиф навишта шуда, истифодаи огоҳонаву бамавриди манобеи боэътимоди илмиву адабӣ аз анҷоми пажӯҳиши тоза дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ хабар медиҳанд.

Дар радифи муваффақиятҳо дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъии зудислоҳшаванда дида мешаванд:

1. Муаллиф ҳангоми муқоисаи андешаҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ бо назарияпардозони пешин, чун Насириддини Тӯсӣ ва Шамси Қайси Розӣ замонро риоят накарда, мегӯяд, ки сухани донишмандони ёдшуда ба гуфтори шахсияти мавриди назараш шабоҳат дорад (саҳ.31). Ӯ бояд гӯяд, ки суханҳои Сайфҷоми Ҳиравӣ ба гуфтори Насириддини Тӯсӣ ва Шамси Қайси Розӣ монанд аст, чун онон пеш аз ӯ зиндагӣ кардаанду дар ин илм ба вай маънаван ҳаққи устодӣ доранд.

2. Рисола аз ғалатҳои услубӣ орӣ нест. Ҷумлаҳои услубан ғалат гоҳо ҳусни тадқиқотро костаанд. Мисолҳо: «Ба таваҷҷуҳ ба матолиби матраҳшуда, назм, ки дар луғот...» (саҳ.47), «Масъалаи дигаре, ки шеърро аз назм мумаййиз мекунад, нақши радиф мебошад» (саҳ.48), «Назарияпардозони эронӣ Саидмуҳаммад Ризо ибни Расул ва дигарон...» (саҳ.50) ва ғайра.

3. Дар баъзе ҳолатҳо номи муҳаққиқон дар даруни рисола ва феҳристи сарчашмаҳо мувофиқат намекунад. Масалан, дар саҳифаи 25 ба мунаққид Борт, ба китоби таҳти шумораи 84-ум омада ишора шудааст. Дар китобнома бошад, зери ин рақам номи Дичез Девид сабт гардидааст.

4. Дар феҳристи сарчашмаҳо ғалатҳои дастурӣ ва имлоию техникӣ зиёд рафтааст. Масалан, китобҳои таҳти шумораҳои 1, 6-ум омада бо

номи муаллиф (Абулаббос, Қалқашандӣ, Б., Мақсудов) навишта шудаанд. Ё муаллифи китоби 22-юм ба шакли Насрободӣ, М.Т. оварда шудааст.

5. Дар баъзе сафҳаи таҳқиқот иқтибосот ҷойи баррасиҳои илмиро гирифтаанд (саҳ.16, 24, 27, 57, 108 ва ғайра). Соҳиби рисола метавонад, ки мазмуни онҳоро оварда, дар робита ба мавзӯи меҳварӣ ба кор барад.

Дар маҷмӯъ, автореферат ва мақолаҳои чопшуда бо муҳтаво ва сохтори диссертатсия мувофиқат менамоянд.

Диссертатсияи Чиллаев Суҳроб Ҷӯрахонович ба талаботи меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии ёдшуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ,** **Мирсаидов Баҳром Тоҳирович, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд**

**Имзои Мирсаидов Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд** **Ҷалолова М.С.**

**Суроға: 735700,**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Хуҷанд, хиёбони**
**Исмоили Сомонӣ 1.**
**E-mail: somonzod@mail.ru**

19.02.2021